# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-077-и назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Раҷабзода Маҳмадулло «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

1. Дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пажуҳиш ва омӯзишу таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни илмҳои педагогӣ яке аз самтҳои муҳим – квалиметрия густариш ва ташаккул меёбад, ки ба баррасии қонуниятҳои рушди он ҳамчун низоми комил ва роҳу равиши махсуси фаъолияти илмӣ роҳи васеъ мекушояд. Таҳлил, ҷамъбаст ва тавсияҳои он барои коркарди илман асосноки принсипҳои пажӯҳиш, банақшагирӣ, маблағгузорӣ ва идоракунии илм ҳидоят мекунад.

То имрӯз дар Тоҷикистон ягон таҳқиқоти бунёдии мушаххас, кашфиёту ихтироот ё методикаи илмӣ дар робита ба арзёбии воқеии сатҳу сифат ва самаранокии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, муқоисаи асоснокии илмии пажӯҳишҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, дар соҳаи педагогикаи ватанӣ ба анҷом нарасидааст. Аз ин лиҳоз, муайян кардани вазъи таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон, ошкор сохтани мушкилоти мавҷуда ва ба ин васила мушаххас намудани самтҳои мубрами рушди минбаъдаи он бо истифода аз усули квалиметрия (коркарди асосҳои назариявӣ ва роҳу равиши арзёбии микдорӣ ва сифатӣ) яке аз маъалаҳои мубрами илмҳои педагогӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти мазкурро зарурати воқеии беҳ ва хуб намудани сатҳу сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ дар Тоҷикистон, ошкор намудани заминаҳои илмӣ-методологӣ, назариявӣ ва иттилоотӣ ҷиҳати анҷом додани таҳқиқоти босифат ва пурарзиш собит месозад. Пажӯҳиш ва коркарди проблемаи мазкур баррасии ногузири як сислсила масъалаҳо, аз ҷумла, муқаррар намудани тартиб, меъёр,

нишондиҳндаҳои квалиметрӣ, коркарди матритсаҳои таҳлили квалиметрии таҳқиқоти педагогӣ, арзёбии сатҳу сифати онҳо ва умуман таҳқиқи ҳамаҷонибаи вазъу ҳолат ва дурнамои илми педагогикаи ватаниро дар ин самт ба маърази муҳокима ва ҳалу фасл гузоштааст.

Диссертатсия дар доираи татбиқи «Номгӯи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, «Стратегияи миллии рушди маориф дар давраи то соли 2030», ки бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд, иҷро гардида, ҳамзамон, ба мавзуи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогика ва психологияи ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода бо унвони «Асосҳои татбиқи технологияи навини педагогӣ дар раванди таълим барои солҳои 2020-2025» алоқаманд аст.

Диссертатсия бори нахуст дар соҳаи илми педагогикаи ватанӣ таҳқиқоти педагогии олимони тоҷикро дар даврони истиқлоли давлатӣ аз нигоҳи квалиметрӣ ҳамаҷониба мавриди омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили амиқи илмӣ қарор додааст. Аз ин нуқтаи назар, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Раҷабзода Маҳмадулло хеле мубрам ва муҳим арзёбӣ гардида, аз аҳамияти пурарзиши назариявӣ ва амалӣ доштани он шаҳодат медиҳад.

Диссертатсия мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст. Кори диссертатсионӣ дар кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи Семинари илмӣ-назариявии кафедраи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Дар хулосаи кафедра ва ҷаласаи васеи Семинари илмӣ-назариявӣ ба диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло баҳои баланд дода шудааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷанбаҳои гуногуни мавзӯи таҳқиқ баррасӣ ва собит шудааст: ошкор намудани камбудиҳои асосии методологии таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ ва коркарди технологияи ташхиси вазъ, сабабу омилҳо, пешгирӣ ва бартарафсозии онҳо; дақиқ намудани мушкилоти муҳаққиқони ватанӣ ҷиҳати риояи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба таҳия, ороиш, пешниҳод ва ҳимояи таҳқиқоти диссертатсионӣ; таҳлили квалиметрии фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ ва экспертӣ оид ба илмҳои педагогӣ дар Тоҷикистон; коркарди меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои квалиметрии арзёбии сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ ва дигаргунсозии низоми онҳо, таҳияи пешниҳодҳо оид ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ.

Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ, инчунин муассисаҳои илмӣ-таҳқиқӯотии самти педагогӣ васеъ истифода кард. Нуктаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия дар фаъолияти шуъбаҳои омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ мавриди омӯзиш, баррасӣ ва истифода метавонад қарор ёбад.

3. Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад: *банди 1* – «Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ» (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми едагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ), *банди 6* – «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот), *банди 7* – «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи пешқадами

педагогӣ; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

4. Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода баррасӣ гашта, дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, дар курсу семинарҳои илмӣ-методӣ, мизҳои мудаввар мавриди муҳокимаи васеъ қарор гирифта, ҳамзамон натиҷаҳои асосии кори илмӣ дар шакли 6 монография, 21 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёда аз 30 мақола дар маҷмуаи маводи конференсияҳо, маҷаллаҳои соҳавӣ нашр гардидаанд. Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқ аст.

5. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсинӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсиниро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло тавсия медиҳад:

1) Диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд” барои ҳимоя дар шӯрои диссертатсионии

6D.КОА – 077-и назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

2) **Ба сифати муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва **ба сифати муқарризони расмӣ:** Сабурӣ Хайрулло Мирзозода – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акад. Б. Ғафуров; Булбулов Ҷума – доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагика, психология ва методикаи таълими Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, Сайфуллоев Хайрулло Габдуллаевич – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забони олмонии ДДОТ ба номи С. Айнӣ тавсия мегарданд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор — Негматов С.Э.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ — Каримзода М.

доктори илмҳои педагогӣ — Давлатшоев И.

20.01.2025

Имзои С.Э. Негматов, М. Каримзода ва И. Давлатшоевро тасдиқ мекунам:
Нозири кадрҳо ва коргузории АТТ — М. Саидова

ШЎЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ